ҚАРОРИ
шурои диссертатсионии 6D.КОА-069-и назди
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

аз 18.09.2024 **ш. Душанбе**

Суханронии Рустоӣ Мирзо Муҳаммад дар мавзуи **«Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ ва эҷодиёти ӯ»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.04 – Таърихи адабиёт, равобити адабӣ, тақризи муассисаи пешбар – **Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав**, суханронии муқарризони расмӣ - **Қаландариён Ҳоким Сафарбек** – доктори илмҳои филологӣ, директори Институти илмҳои гуманитарии ба номи академик Баҳодур Искандарови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон; - **Шарипов Шариф Раҳмонович** – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забони тоҷикӣ ва ҳуҷҷатнигории Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муқарризони ғайрирасмӣ – докторони илмҳои филологӣ Қурбонзода Рухшона, Рустамова Гуландом, Хоҷазод Саидмурод, Саидҷаъфаров Озод, Исрофилниё Шарифмуродро шунида, баррасӣ карда, шурои диссертатсионӣ дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонӣ, хулосаи қабулкардаи худ оид ба диссертатсия дар бораи асолат, арзиш, навоварӣ ва натиҷаҳои бадастовардаи Рустоӣ Мирзо Муҳаммад

ҚАРОР ҚАБУЛ МЕКУНАД:

1. Диссертатсияи Рустоӣ Мирзо Муҳаммад дар мавзуи «Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ ва эҷодиёти ӯ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.04 – Таърихи адабиёт, равобити адабӣ ба талаботи бандҳои 31 ва 33-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, комилан мувофиқат мекунад;
2. Маводҳои илмии чопнамудаи довталаби дараҷаи илмӣ мазмуну муҳтавои диссертатсияро пурра инъикос менамоянд;
3. Ба Рустоӣ Мирзо Муҳаммад дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.04 – Таърихи адабиёт, равобити адабӣ дода шавад;
4. Барои додани дипломи номзади илмҳои филологӣ ба Рустоӣ Мирзо Муҳаммад аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда шавад.

Хоҳиш мекунам, ки мавқеи худро нисбат ба ин қарори шурои диссертатсионӣ муайян намуда, овоз диҳед.

Тарафдор – 14 нафар. Муқобил - нест. Бетараф - нест.

Қарор якдилона қабул карда шуд.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ, профессор Салихов Ш.А.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои филологӣ, дотсент Шерализода А.Ш.

18.09.2024